Ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Қурбонов Шайдулло Ятимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент.**

Соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои мустақил ва афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ташаккулёбии маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, фаъолгардонии тавозуни берунитиҷоратӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ нақши калон мебозад. Инчунин ба дигар соҳаҳои асосии иқисодиёт, ба монанди нақлиёт ва алоқа, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, фарҳанг, санъат, истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ва дигар соҳаҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар автореферат қайд гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мероси таърихию фарҳангӣ, захираҳои бои табиӣ-рекреатсионӣ мебошад, ки ба рушди соҳаи сайёҳии маллӣ ва ҷалби сайёҳони хориҷӣ мусоидат менамояд. Омилҳои дар боло номбаршударо ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи сайёҳиро ҳамчун самти афзалиятнок эътироф намудааст, ки ба сохтори иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасонад. Аз ҳамин сабаб, таҳқиқоти масъалаҳои идоракунии рушди сайёҳӣ ва коркарди роҳҳои мукаммалгардонии он аз нуқтаи назари илмӣ мубрам ва рӯзмарра мебошад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар микёси байналхалқӣ, сайёҳӣ ҳамчун соҳаи зудинкишофёбанда, на танҳо аз нигоҳи рушди иқтисодӣ, воридоти асъор ва болоравии дараҷаи шуғл, инчунин барои ташаккули шуури фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, пойдории сулҳ ва эътирофи ҳамкории байналхалқӣ, баҳо дода мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар масъалагузории идоракунии рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад, ки аз ҷониби муаллиф асоснок ва самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ коркард шудааст.

Ҳамзамон дар афтореферат муаллиф бо истифода аз модели регрессионӣ дурнамои воруди сайёҳони хориҷиро дар давраи то соли 2030 муайян кардааст, ки барои такмили фаъолияти минбаъдаи рушди сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард.

Пешниҳодҳои муаллиф, хуб мешуд агар, ки давлат барои рушди сайёҳии дохилӣ ва байналхалқӣ шароитҳои зерин, ба монанди ташаккулдиҳии бозори босамари рақобатпазири сайёҳӣ, баландбардории сифати хадамоти сайёҳӣ, таблиғот ва иттилоооти дуруст, ки нуфузи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари мусоиди сайёҳӣ инъикос менамояд, таъсир ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла марказҳои афзалиятноки сайёҳӣ дар асоси шартҳои

рушди босубот, истифодаи имкониятҳои табиии кишвар барои ташкили фароғат ва истироҳат муҳайё намояд, бешубҳа ҷолиби диққат мебошанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат, баъзе камбудиҳо ва норасоӣ ба назар мерасанд, ки хусусияти ҷузъӣ доранд. Ба монанди:

1. Дар автореферат фикру ақидаҳои олимони ватанӣ ва худи муаллиф низ доир ба идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ оварда нашудааст.

2. Муаллиф дар автореферат таҷрибаи хориҷии идоракунии самтҳо ва роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии сайёҳиро баррасӣ карда аст, вале доир ба истифодаи таҷрибаи мусбии Ҷумҳурии Ӯзбекистон далелҳои мушаххас наовардааст.

Умуман, камбудиҳо ва норасоиҳои номбаршуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

Мушоҳидаҳои автореферат ба мо имкон медиҳад, ки алоҳида қайд намоем, ки кори илмӣ-таҳқиқотии мазкур аз тарафи муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ иҷро карда шудааст. Тавсияҳо оид ба автореферати овардашуда чун натиҷаҳои илмии дастраскардашуда, бешубҳа барои ҳалли муаммоҳои идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Автореферати пешниҳодгардида мундариҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки автореферати пешниҳодшуда дар мавзӯи «Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Қурбонов Шайдулло Ятимович барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба илм ва инноватсия**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**

Суроғаи элек.: t_rizokulov@mail.ru
Телефон: (+992) 3422 23594

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-мкр-н,хонаи 1, Телефон: +992(3422) 2-38-11,
E-mail: tsulbp@rambler.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор Ризоқулов Т.Р.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС